# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ Лутфуллоева Парвина Маҳмадуллоевна ба диссертатсия ва автореферати Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст. (Такрорӣ)

**Мубрамӣ, ҳадафмандӣ ва афзалиятнокии таҳқиқот.**

Диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ» ба ҳаллу фасли проблемаи мубрами муосир – роҳу воситаҳои ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ бахшида шудааст.

Яке аз хусусиятҳои муҳимтарин инкишофи раванди таълим зери таъсири навгониҳои иҷтимоию фарҳангӣ, ки на танҳо бо зарурати иҷтимоии ташкили кори мақсаднок оид ба ташаккули тайёрии касбии кадрҳои педагогӣ ва баланд бардоштани сатҳи фарҳангии онҳо ба амал меояд, балки дар баробари донишу малакаи стандартии касбӣ, афзалият бо рақобатпазирӣ, дарки зуди мушкилот, ҳисси масъулият ва эҷодкорӣ, қобилияти мутобиқ шудан дар муҳити гуногунфарҳангӣ, рушди малакаҳои ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ, хоҳиши пайваста такмил додани касбу кори худ тақозо мекунад ва ҳамаи ин ба вазифаҳои аввалиндараҷаи педагог табдил меёбанд.

Масъалаи ташаккули муносибати босалоҳият дар омӯзиши фанҳои таълимӣ дар ҳуҷҷатҳои меъёрии ба соҳаи маориф таалуқдошта низ инъикос гардидааст, ки дар онҳо ба таври махсус зарурати тибқи талаботи замон ба роҳ мондани навсозиии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зикр карда шудааст.

Тағйироти куллие, ки дар ҷомеаи Ҷумҳурии Тоҷикистон рух медиҳанд, дар назди муассисаҳои таҳсилоти олӣ масъалаи омодагардонии кадрҳоеро гузошт, ки дараҷаи баланди фарҳанг, саводнокӣ, маърифатнокӣ, салоҳиятмандии касбиро фаро гирифта, барои худтатбиқсозӣ ва кор дар шароитҳои муҳити бисёрфарҳангӣ қобилият доранд.

Ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият бо мақсади таъмини сифати таълими донишҷӯён муҳим буда, аз қобилиятҳои коммуникативӣ-байнифарҳангӣ дар асоси маводи омӯзиши забони хориҷӣ ва тавассути ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён талаб карда мешавад, ки хатмкунандаи оянда бо чунин қобилиятҳо мусаллаҳ гашта, мустақилона дар фаъолияти касбии худ дар оянда онро татбиқ намояд.

Дар методикаи муосири ватанӣ ва хориҷӣ айни замон тавҷеҳ ва тафсири мухталифи мафҳуми «салоҳиятмандии байнифарҳангӣ» вуҷуд дорад. Салоҳиятмандии байнифарҳангӣ ҳамчун қобилияти муқоисасозии умумиятҳои забонӣ-фарҳангии мавриди омӯзиши пайваста, эзоҳдиҳии тафовутҳои байнифарҳангӣ ва мувофиқан амал намудан дар ҳолатҳои халалдор шудани ҳамдигарфаҳмии байнифарҳангӣ фаҳмида мешавад.

Ба андешаи муаллифи диссертатсия, тибқи таҳлили адабиёти психологӣ-педагогӣ, бо вуҷуди як силсилаи томи асарҳо бахшида ба пажуҳиши ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангӣ то ҳол дар илми педагогика ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ моҳият, мундариҷа ва таркиби падидаи иҷтимоию фарҳангии мавриди таҳқиқоти муаллиф амиқан *нокифоя омӯхта шудаанд*. Ҳамаи ин *мубрам будани* коркарди назариявӣ ва амалии масъалаҳои марбут ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии омӯзгорониояндаи забони хориҷиро дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ тасдиқ менамояд.

**Мақсади таҳқиқот** - аз лиҳози назариявӣ асоснок кардан ва аз тариқи озмоиш санҷидани модели ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар самаранокии технологияҳои педагогӣ зимни таълими забони хориҷӣ иборат аст.

**Объекти таҳқиқот** – раванди инкишофи салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён ҷиҳати истифодаи технологияҳои педагогӣ зимни таълими забони хориҷӣ.

**Мавзӯи таҳқиқот** - ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён зимни таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ.

**Навоварии илмии таҳқиқот** аз инҳо иборат мебошад:

1. Бори нахуст дар илми педагогика ва таърихи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар шароитҳои низоми кредитӣ дар муҳити бисёрфарҳангии муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуд.

2. Қоидаи консептуалии равияи шахсиятӣ-фаъолмандӣ ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён-бакалаврҳо, ҳамчун қисмати пешбари омодагии касбӣ, ки барои бурдани фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар шароитҳои муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, муайян карда шуд.

3. Моҳият ва сохтори салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён зимни таълими забони хориҷӣ дар муҳити бисёрзабонӣ муайян карда шуданд, шаклҳои онҳо (забонӣ, коммуникативӣ, мавзӯӣ, шахсиятӣ, таълимӣ) ҷудо карда шуданд, пуррагардонии мундариҷавии онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифт.

4. Модели ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён, ки самарабахшии истифодаи технологияҳои инноватсиониро ҳангоми таълими забони хориҷӣ таъмин месозад, коркард ва тасдиқ карда шуд.

5. Семинари махсус оид ба мавзӯи «Муоширати байнифарҳангии муаллими забони хориҷӣ», ки ба ташаккул ва такомули низоми донишҳо, малакаҳо ва маҳоратҳои донишҷӯён - муаллимониояндаи забони хориҷӣ нигаронида шудааст, коркард карда шуд.

6. Низоми санҷиши ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён, ки меъёрҳои фарҳангшиносӣ, коммуникативӣ, касбӣ ва

шахсиятӣ-арзиширо фаро мегирад, инчунин нишондодҳои аз рӯйи ҳар меъёр ба даст овардашуда пешниҳод карда шуданд.

7. Маводи нав оид ба амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ (АНШХ), ки таъсири мутақобилаи фарҳангҳои миллӣ, мубрамгардонии ҳолатҳои воқеии муошírати байнифарҳангӣ ва амалисозии методҳо ва воситаҳои технологияҳои бозигиро пешбинӣ мекунад, коркард карда шуд.

8. Меъёрҳои таҳқиқи озмоишии фаъолияти таълимии донишҷӯён дар давраи таҷрибаомӯзии педагогӣ, ки шомили тамоюл ба ошкорсозии маҳорати банақшагирӣ ва ба амал татбиқгардонии нақшаи муошírати забони ғайр мебошанд, тасвир карда шуданд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар рисола дар асоси талабот нисбати омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ модели ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён зимни таълими муошират бо забони ғайр, ки мақсад, вазифаҳо, муносибатҳо, принсипҳо, қисматҳо, сохтор ва мундариҷаи муошírати байнифарҳангии дар шароитҳои таълим дар муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ ташаккулёбандаро фаро мегирад, коркард карда шудааст. Модели коркардшуда барои барқарорсозии асоси назариявии омодагии донишҷӯён ва самаранокии технологияҳои педагогӣ ҳангоми таълими забони хориҷӣ хидмат мерасонад, ки ба татбиқи он дар рафти таълими муносибати шахсиятӣ-фаъолмандӣ ба забони хориҷӣ мусоидат менамояд. Дар таҳқиқот мураттабсозии мақсадҳо, вазифаҳо, фарзияҳо гузронда шуд; принсипҳо ва мундариҷаи таълим, шароитҳои педагогӣ, давраҳои таҳқиқи таҷрибавӣ-озмоишӣ ва меъёрҳо барои баҳодиҳии маҳоратҳо ва малакаҳои ташаккулёфта ифода карда шуданд; ифодаи хосаи низомнокии таҳсилоти донишгоҳӣ - раванди ташаккули муошírати байнифарҳангии касбии донишҷӯёни факултаҳои забонҳои хориҷӣ, ки ба маҷмӯият ва ҳамгироии фанҳои омӯхташавандаи ихтисосӣ (АНШХ) ва умумикасбӣ (методӣ) бо роҳёбии минбаъда ба амалияи педагогӣ асос меёбад, пешниҳод карда шуд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо дақиқияти қавоиди аввалияи методологӣ ва назариявӣ; таҳлил ва баҳисобгирии ҳолати

проблемаи таҳқиқот дар назария ва амалияи педагогӣ; истифодаи маҷмӯии методҳои тавъам бо мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ; хусусиятнокии маводи таҷрибавӣ; санҷиши озмоишии фарзия ва тасдиқи муваффақонаи кори таҷрибавӣ дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти олӣ; муътамадии натиҷаҳои ба даст овардашуда; таҷрибаи кории бисёрсолаи муаллифи рисола дар муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ; коркарди маълумотҳои озмоишӣ тавассути методҳои омори риёзӣ таъмин карда мешавад.

**Мутобиқати диссертатсия ба талаботи низомнома оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ.**

Тибқи ҳадафу вазифаҳои диссертатсия мантиқан он аз муқаддима, ду боби асосӣ, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима муҳимияти мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шуда перомуни мақсаду вазифаҳои кор ва методҳои тадқиқотӣ сухан рафта, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор зикр гаштааст, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодгашта ба расмият дароварда шудаанд. Унвонҷӯ аппарати илмии рисоларо возеҳу равшан баррасӣ намудааст.

**Дар боби аввал** «Асосҳои назариявии ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ » муносибатҳои асосӣ дар омӯзиши мафҳумҳои «салоҳият», “салоҳиятмандӣ”, «салоҳиятмандии байнифарҳангӣ» таҳлил карда шудаанд, моҳият, сохтор ва мазмуни салоҳиятмандии байнифарҳангӣ мушаххас карда шуда, асосҳои педагогии ташаккулёбии салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар ҷараёни омӯзиши забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои педагогӣ баррасӣ карда шудаанд; муносибати шахсиятӣ-фаъолмандӣ ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар муҳити этникӣ-фарҳангӣ ва омодасозии мутахассисони ояндаи педагогӣ ба ҳамкорӣ дар заминаи равобити байнифарҳангӣ маълум карда шудааст.

Муаллифи рисола иброз медорад, ки яке аз мақсадҳои таълими забони хориҷӣ рушди салоҳияти коммуникативии ғайрзабонӣ аст, пас

вазифаи асосии таълими забони хориҷӣ аз ташаккулдиҳии салоҳияти коммуникативӣ, яъне қобилияти омодагӣ ба амалисозии муоширати байнишахсӣ ва байнифарҳангӣ тавассути забони ғайр бо намояндагони забон мебошад.

Мафҳуми «салоҳияти коммуникативӣ», ки ба сифати мақсади ҳамгароикардашудаи таълими забони хориҷӣ амал менамояд, муоширати байнишахсӣ ва байнифарҳангии ғайрзабонӣ бо намояндагони забон дар ҳудуди аз ҷониби стандарт муайянгардида фаҳмида мешавад.

Диссертант дар асоси муносибатҳои коммуникативӣ, интегративӣ, когнитивӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, шахсиятӣ-фаъолмандӣ модели Модели ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар гурӯҳҳои бисёрэтникӣ"-ро зимни таълими муошират бо забони хориҷӣ коркард намудааст, ки ҳама қисматҳои он ба ҳам вобаста ва тобеанд ва ин яклухтии онро тасдиқ мекунад. Асоси моделро мақсади такомулдиҳии раванди ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ зимни таълими муошират бо забони ғайр ташкил медиҳад.

**Дар боби дуюм** «Технологияҳои педагогӣ дар ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ» масъалаҳои технологияҳои педагогӣ ҳамчун воситаи баландбардории сифати таълими забони хориҷӣ дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ, масъалаҳои, технологияи фаъолияти муштараки педагогии донишҷӯён дар шароити муоширати байнифарҳангӣ ва самаранокии технологияҳои педагогӣ дар ташаккули салоҳиятмандии байнифархангӣ дар давраи таълими таҷрибавии омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ, пешниҳод карда мешавад.

Унвонҷӯ иброз менамояд, ки предмети технологияи педагогии муосир фаъолиятҳои мутақобилаи мушаххаси амалии муаллимон ва таълимгирандагон дар ҳама гуна соҳа мебошанд, ки дар асоси сохторикунонӣ, банизомдарорӣ, барномасозӣ, алгоритмикунонӣ, стандартикунонии тарзҳо ва усулҳои таълим ё тарбия ва ғайра ташкил

карда шудаанд. Дар оқибат натиҷаи мусбати устувор дар азхудкунии донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳо аз ҷониби муҳассилин, дар ташаккули шаклҳои иҷтиимоӣ-арзишӣ ва одатҳои рафтор ба даст оварда мешавад.

Майлу рағбати донишҷӯён ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангӣ, технологияҳои педагогии инноватсионӣ муайян ва меъёрҳои нишондиҳандаи рағбатнокии донишҷӯён ба маҳорати коммуникативӣ-нутқӣ дар раванди таълими забони хориҷӣ ошкор карда шудааст.

Дар ҷараёни кори озмоишӣ маҳорати касбии омӯзгори забони олмонӣ оид ба интихоби шаклу методҳои мусбии ангезанокии ҷараёни ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ омӯхта ва ба як низоми муайян даровардa шудааст. Ҳамзамон, хусусияти махсуси ваҷҳнокии ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ кушода дода шуда, бо роҳи гузаронидани озмоишҳои таҷрибавӣ меъёрҳо ва нишондиҳандаҳое, ки ҷараёни тағйирёбии инкишофи фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро таъмин мекунанд, нишон дода шудааст.

Натиҷа ва хулосаҳои ба даст овардашударо метавон ҳангоми таҳқиқи масъалаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ зимни омӯзиши забони хориҷӣ истифода бурд. Дар асоси нуқоти назариявӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод карда шудааст, оид ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ дар ҷараёни омӯзиши забони хориҷӣ тавсияҳои методӣ таҳия ва коркард шудааст.

Бо вуҷуди афзалиятҳо аз рӯи мутолиаи автореферат ва диссертатсия баъзе эродҳоро мушоҳида кардан мумкин аст, ки муаллиф метавонад онҳоро дар фаъолияти минбаъдаи илмии хеш ба эътибор гирад:

1. Дар қисми назариявии таҳқиқот диссертант возеҳ ифода накардааст, ки дар таҳияи рисола оид ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён ба асарҳои кадом олимони тоҷик такя намудааст.

2. Диисертант дар рисолаи хеш қайд кардааст, ки ташаккули малака ва маҳоратҳои ғайрзабонӣ дар иштироки фаъоли донишҷуён тавассути забони хориҷӣ барои муносибатҳои байнифарҳангӣ мусоидат карда метавонанд. Беҳтар мебуд агар дар ин самт фаъолияти байнифарҳангии донишҷӯён барои ташаккули салоҳиятмандии омӯзгорони оянда нишон дода мешуд.

3. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва грамматикӣ ба назар мерасанд.

Камбудиҳои зикршуда ҳеҷ гоҳ қимати илмии кори дисссертатсиониро паст намекунанд. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводҳои заруриро ба тариқи васеъ истифода мебарад. Муаллифи рисола оид ба адабиёти илмии зарурӣ барои тадқиқоташ хуб огоҳӣ дорад.

Диссертатсияи Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ» таҳқиқоти пурра ва комилан анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи муайяни илми муосир мебошад.

**Мутобиқати мукаммалии таълифот, истифодаи натиҷаҳои бадастомада.**

Мутобиқати мукаммали таълифоти муаллиф дар 25 мақолаи илмӣ инъикос ёфта, аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳои илмӣ-назариявӣ, тренингҳо васеъ баррасӣ гардидаанд. Мақолаҳои нашрнамудаи диссертант мазмуну мундариҷаи рисоларо

пурра дар бар мегиранд. Автореферат мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад.

## Хулоса

Вобаста ба *мубрамият, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада* диссертатсияи номзадӣ дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 31 ва 33-35 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Раҷабова Фируза Садриддиновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент, муовини директори Пажуҳишгоҳи
рушди маориф ба номи
АбдураҳмониҶомии АТТ Лутфуллоева П.М.

Имзои дотсент П.М.Лутфуллоеваро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои Пажуҳишгоҳи
рушди маориф ба номи
АбдураҳмониҶомии АТТ Ҳакимова Х.

30 октябр соли 2023

Маълумот барои тамос:
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, к. Адҳамов – 11/2
Тел. 227 02 38
E-mail: Shohin_7875@mail.ru